**ПРОТОКОЛИ № 40.1**
**маҷлиси шурои диссертатсионии 6D.KOA-013-и назди**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

**аз 05 августи 2025** **ш. Хуҷанд**

**Дар ҷаласа иштирок доштанд:**
**аз 11 нафар аъзои шуро 10 нафар**

**Раиси шуро:** Муҳтарам аъзои шурои диссертатсионӣ, ҳозирини гиромӣ. Маҷлиси шурои диссертатсиониро оғоз менамоем.

Дар ҷаласаи имрӯза аз 11 нафар аъзои шурои диссертатсионӣ, ки бо фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 04.08.2025, №289/шд тасдиқ шудааст, 10 нафар иштирок доранд.

Оид ба кори ҷаласаи шурои диссертатсионӣ чӣ пешниҳодҳо доред? Пешниҳод шуд, ки ҷаласа оғоз карда шавад. Касе ҷонибдори он бошад, ки кори шуро оғоз гардад, хоҳиш менамоям, мавқеи худро муайян намоед. Муқобил, бетараф? Нест. Якдилона қабул гардид.

**РӮЗНОМАИ ҶАЛАСА:**

Ба экспертизаи аввалия қабул намудани диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.

**Баромад намуданд:** раиси шуро, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Ризозода Т.Р. ва аъзои шурои диссертатсионӣ – д.и.и., профессор Бобоҷониён Д.Д., д.и.и., профессор Бойматов А.А., д.и.и., профессор Исмоилов М.М. дар раванди баррасии масъалаи мазкур суханронӣ намуда, оид ба шиносоии пешакӣ бо диссертатсияи пешниҳодгардидаи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ ибрози андеша намуда, қайд карданд, ки диссертатсияи мазкурро барои ҳимоя қабул намудан мумкин аст.

**ҚАРОР КАРДА ШУД:**

1. Диссертатсияи Алиджанова Сурайё Абдушукуровна дар мавзуи "Ташаккулёбӣ ва инкишофи иқтисодиёти сабз дар минтақаҳои Тоҷикистон"

барои дарёфти дарачаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ, ба экспертизаи аввалия қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ дар ҳайати зерин тасдиқ карда шавад:

**Раҳимов А.М.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

**Газибеков С.А**. – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ;

**Дадоматов Д.Н.** – доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, узви шурои диссертатсионӣ.

**Натичаи овоздиҳӣ:** тарафдор - 10 нафар, муқобил – нест, бетараф – нест. **Якдилона чонибдорӣ гардид.**

**Раиси шурои диссертатсионии**
**6D.KOA-013, доктори илмҳои иқтисодӣ,**
**профессор** **Ризозода Т.Р.**

**Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Саиджонов С.Ш.**